# Семинари омӯзишӣ

Нашир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 3 Июн, 2022 - 11:52
Дар асоси мактуби Муассисаи давлатии "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ аз 31.05.2022, №151 роҳбарияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи номбурда рӯзи 03.06.2022 семинари омӯзишии "Сиёсати давлатии забон ва масъалаҳои марбут ба он" ва "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ"-ро баргузор намуд.
Дар кори семинар роҳбарият ва беш аз 40 нафар кормандони муассисаи болозикр иштирок карданд. Дар назди ҳозирин раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон профессор Муҳаммадҷонзода О. О. ва муовини раиси Кумита Раҳматуллозода С. Р. роҷеъ ба сиёсати давлатии забон ва "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268) суханронӣ намуданд.
Баъд аз маърузаҳо аз тарафи кормандони муассисаи мазкур саволҳои зиёде дода шуд, ки ба онҳо маърузаҷиён ҷавобҳои мушаххас доданд.
Дар анҷоми кори семинар аз ҷониби Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон профессор О.Муҳаммадҷонзода ба директори муассисаи мазкур китобҳои тозанашри Кумитаро оид ба номгузорӣ, номи ашхос ва "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ" тақдим гардид.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (4 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

[2]

- 

[3]

-

[4]

-

[5]

-

[6]

- 

[7]

- 

[8]

- 

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/seminari-omuzishi?mini=2026-02

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5_6.jpg [3] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1_10.jpg [4] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_10.jpg [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_11.jpg [6] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4_8.jpg [7] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/6_3.jpg [8] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/7_4.jpg